**Дастурамали**
**ҳисоботи омории шакли №1-кишоварзӣ**
**«Ҳисобот дар бораи тухмии мавҷудаи зироатҳои кишоварзӣ»**

Ҳисоботи шакли №1-кишоварзиро корхонаҳои кишоварзӣ сарфи назар аз шакли моликияташон ба мақомоти омори маҳаллӣ (ноҳия, шаҳр) аз рӯи маҳалли ҷойгирифтаашон ба санаи 1 - январ, 1 - феврал, 1 -август, 1 - сентябр, 1 - октябр, 1 ноябр, 1-декабр бо усули электронӣ бо истифода аз утоқи шахсии ҳисоботсупоранда пешниҳод менамоянд.

Дар ҳисобот миқдори мавҷудаи тухмии зироатҳои тирамоҳӣ ва баҳорӣ дар амбор захирашуда нишон дода мешавад.

Агар хоҷагӣ аз тарафи хоҷагиҳои махсусгардонидашудаи тухмипарварӣ бо тухмӣ таъмин карда шавад, пас ҳисоботи шакли №1-кишоварзӣ аз ҷониби хочагиҳои махсусгардонидашуда пешниҳод карда мешавад.

Фонди суғуртавии тухмии зироатҳои ғалладонаи тирамоҳӣ ва баҳорӣ (бе ҷуворимакка) дар сатри 14, ғайр аз он дар фонди суғуртаи тухмии ғалладонаи тирамоҳӣ ва баҳорӣ (бе ҷуворимакка) бояд нишон дода шавад.

Тухмии ғалладонаи тирамоҳӣ ва баҳории барои кишт хароҷотшуда то ҳисоботи охирин аз ҳисоби тухмии захирашуда бароварда намешавад.

Тухмии зироатҳои тирамоҳӣ ва баҳорӣ, ки барои иваз намудан пешбинӣ шудааст ва он барои иваз намудан фиристода шудааст, вале то санаи ҳисобот ба амбор тухмии нав ворид нагаштааст аз ҳисоботи миқдори мавҷуд хориҷ карда намешавад.

Дар сатри 01-ҳамаи ғалладона ва лӯбиёиҳо (бе ҷуворимакка ва фонди суғуртавӣ) миқдори мавҷудаи гандум, ҷав, тритикал, ҷавдор, ҷавсар, шолӣ, лӯбиёиҳо (нахӯд, лӯбиё, мош ва ғайра) ба санаи ҳисоботӣ нишон дода мешавад.

Аз миқдори умумии сатри 01, дар сатрҳои 02-гандум, 03-ҷав, 04-тритикалӣ, 05-ҷавдор, 06-ҷавсар, 07-шолӣ, 08-лубиёгиҳо нишон дода мешавад. Миқдори мавҷудаи тухмии ҷуворимакка новобаста аз он, ки барои дон ё силос захира шудааст, дар сатри 09 нишон дода мешавад.

Дар сатри 10. Картошка - миқдори мавҷуда дар ҳамаи давраҳои киштро дар бар мегирад.

Сатри 11. Сабзавот - миқдори мавҷудаи ҳамаи намудҳои тухми сабзавотро дар бар мегирад.

Дар сатри 12. Полизӣ - миқдори мавҷудаи тухмии тарбуз ва харбуза нишон дода мешавад.

Дар сатри 13. Чигит - миқдори тухмии чигити барои кишт пешбинишуда нишон дода мешавад.

Дар сатри 14. Тухмии зироатҳои ғалладонаи дар фонди суғурта мавҷудбуда нишон дода мешавад.

Барои таъмини эътимоднокӣ ва дар муҳлатҳои муайяншуда бо тариқи электронӣ пешниҳод намудани ҳисоботи мазкур ба зиммаи сармуҳосиб ва роҳбари хоҷагӣ гузашта мешавад, ки дар сурати риоя нагардидани талаботҳои мазкур мутобиқи моддаи 515 Кодекси ҳуқуқвайронкунии

Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбати шахсони масъул чораҳои маъмурӣ андешида мешавад.